# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи диссертатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ
аз 14-уми апрели соли 2026, №118

Барои сазовор донистани Исмоилзода Мадина Исмоил, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил дар мавзуи «Танзими ҳуқуқи мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 3-юми январи соли 2026, суратҷаласаи №108 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исмоилзода Мадина Исмоил 05 майи соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2013 шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Мавсуф фаъолияти меҳнатии худро аз соли 2014 ба сифати мутахассиси шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, то соли 2026 дар вазифаҳои мутахассиси пешбар, сармутахассис ва сардори шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Айни замон бекор аст.

Исмоилзода М.И. барои таҳияи диссертатсия аз соли 2013 дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба ҳайси аспирант фаъолияти илмӣ-таҳқиқотиро оғоз кардааст.

Аз соли 2014 фаъолияти илмиро ба сифати мутахассиси шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, то соли 2026 дар вазифаҳои мутахассиси пешбар, сармутахассис ва сардори шуъбаи қонунгузории гражданӣ, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Исмоилзода Мадина Исмоил бо фармоиши директори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи

миллии илмҳои Тоҷикистон аз 08 ноябри соли 2013, №78 ва амри Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон 08 ноябри соли 2013, №30001/23-172 ба ҳайси аспиранти шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қабул гардидааст.

Мавзуи диссертатсияи Исмоилзода Мадина Исмоил ҳамчун аспирант бо қарори Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон №12/2013 аз 13-уми декабри соли 2013 тасдиқ шудааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ 01 феврали соли 2024, №1156 аз ҷониби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон санаи 23 сентябри соли 2025, №7 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Меликов Умрилло Асадуллоевич – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, и.в. профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:** Бобозода Ҷамрод Қурбон - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

Мавлоназаров Одилбек Абдулназарович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (славянии) Тоҷикистон-Россия».

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Сидиқов Д.А. номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» (ихтисос: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ Носиров Х.Т., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон» Қодиров Ш.Қ., имзо ва аз ҷониби ректори Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Иброҳимзода И.Р. санаи 10 марти соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исмоилзода Мадина Исмоил оид ба мавзуи диссертатсия 22 интишороти илмӣ, аз ҷумла 12 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Исмоилзода Мадина Исмоил нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Маводи дигари илмии нашргардида (Монография):**

**[1–М].** Исмоилова, М.И. Танзими ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]: монография: нашри аввал / М.А. Қодирзода, М.И. Исмоилова, Ш.Х. Одиназода, Ҳ.Р. Раҳмонов, К.М. Каримов, М.Н. Сайдалиён // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: Абдураҳмон-Р, 2022. – 188 с.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[2–М].** Исмоилова, М.И. Понятие смежных прав по законодательство Республики Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2014. – №3/9 (154). – С. 83-85. ISSN: 2074-1847.

**[3–М].** Исмоилова, М.И. Таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории соҳаи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ИДМ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2016. – №3 (23). – С. 82-86. ISSN 2410-2903.

**[4–М].** Исмоилова, М.И. Баъзе масъалаҳои рушди қонунгузории сайёҳӣ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2017. – №2 (26). – С. 57-61. ISSN 2410-2903.

**[5–М].** Исмоилова, М.И. Таҳлили қонунгузории ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ [Матн] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2017. – №4 (28). – С. 109-114. ISSN 2410-2903.

**[6–М].** Исмоилова, М.И. Процесс формирования и совершенствования законодательных актов по защите смежных прав в Республике Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2018. – №2 (30). – С. 30-38. ISSN 2410-2903.

**[7–М].** Исмоилова, М.И. Проблемы международной и национально-правовой охраны смежных прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2020. – №4 (40). – С. 33-38. ISSN 2410-2903.

**[8–М].** Исмоилова, М.И. Проблемы регулирования объектов смежных прав среди объектов интеллектуальной собственности [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2 (42). – С. 31-37. ISSN 2410-2903.

**[9–М].** Исмоилова, М.И. Понятие и общая характеристика смежных прав по законодательству Республики Таджикистан [Текст] / М.И. Исмоилова // Правовая жизнь. – 2020. – №4 (32). – С. 189-199. ISSN 2307–5198.

**[10–М].** Исмоилова, М.И. Проблемы международной и национально-правовой охраны смежных прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Юридическая наука: история и современность. – 2020. – №11. – С. 154-162. ISSN 2218-7170.

**[11–М].** Исмоилова, М.И. Телерадиопередачи как объект смежных прав [Текст] / У.А. Меликов, М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2022 – №3 (47). – С. 24-28. ISSN 2410-2903

**[12–М].** Исмоилова, М.И. Проблемы международной и национально-правовой охраны смежных прав [Текст] / М.И. Исмоилова // Қонунгузорӣ. – 2023. – №1 (49). – С. 47-53. ISSN 2410-2903.

**[13–М].** Исмоилова, М.И. Тарзҳои гражданӣ-ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста [Матн] / У.А. Меликов, М.И. Исмоилова // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2023. – №1 (29). – С. 145-153. ISSN 2414-9217.

**III. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:**

**[14–М].** Исмоилова, М.И. Мафҳуми ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони русӣ) [Матн] / М.И. Исмоилова // Маводи конференсияи IX илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Потенсиали инноватсионии рушди илм дар замони муосир». – Уфа, 21 июни соли 2022. – С. 178-183. К 303-0.

**[15–М].** Исмоилова, М.И. Асосҳои ҳуқуқии танзимкунии ҳуқуқҳои вобаста ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони англисӣ) [Матн] / М.И. Исмоилова // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Ҷанбаҳои глобалӣ ва минтақавии рушди устувор». – Копенгаген, 6-8 июли соли 2022. – С. 148-155. ISBN 978-87-615-0721-1.

**[16–М].** Исмоилова, М.И. Иҷро ва ба саҳнагузорӣ ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста (бо забони англисӣ) [Матн] / М.И. Исмоилова // Маводи конференсияи XII илмӣ-амалии байналмилалӣ таҳти унвони «Таҳқиқоти илмӣ дар асри XXI». – Оттава, 16-18 июли соли 2022. – С. 183-190. ISBN 978-0-458-20903-3.

**[17–М].** Исмоилова, М.И. Фонограмма ҳамчун объекти ҳуқуқҳои вобаста ба он [Матн] / М.И. Исмоилова // Маводи конфернсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқ,

ҷомеашиносӣ ва сиёсатшиносӣ». – Бостон, 2022. – С. 13-20. ISBN 978-1-64655-129-3.

**[18–М].** Исмоилова, М.И. Тавсифи умумии намудҳои объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.И. Исмоилова // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Проблемаҳои рушди илми муосир». – Алмаато, 2022. – С. 75-78. ISI 2019-0.172.

**[19–М].** Исмоилова, М.И. Баъзе масъалаҳо оид ба амалигардонии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / М.И. Исмоилова // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-солагии Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Методологияи танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ: назария ва амалия». – Душанбе, 2022. – С. 75-82. ISBN 978-99975-74-56-6.

**[20–М].** Исмоилова, М.И. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» [Матн] / М.И. Исмоилова, А.А. Ёров, М. Ҳамидзод, Ш. Ғаюров, Ф.А. Маҳмадшозода. – Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2021. – 72 с.

**[21–М].** Исмоилова, М.И. Истилоҳоти ҳуқуқии соҳаи иттилоот, матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма [Матн] / М.И. Исмоилова, И.Ҳ. Саидзода, Ф.А. Маҳмадшозода, М. Ҳамидзод, И. Шамсиддинзода, А.А. Ёров, Ф. Сайфулло, Т. Салимзода. – Душанбе: Меҳроҷ-Граф, 2020. – 48 с.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– Самадзода Б.О. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон;

– Абдуллозода З.Ф. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Раупова М.Т. – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Собирзода И.С. – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд.

1. Дар қисмати хулосавии зербоби якуми боби сеюм дар автореферат муаллиф баён менамояд, ки «бо мақсади ҳифзи объектҳои ташкилоти пахши эфирӣ ё кабелӣ ҳамчун ҳуқуқи вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ, ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» мафҳуми пахши интернетӣ кушода дода шавад. Ҳамзамон, пахши барномаҳои телевизион ва радио тавассути дигар намуди технологияҳо пайдо шуда истодааст, ки онро бояд таҳти назар гирифт» (саҳ. 31) муаллиф ишора ба равшан намудани

мафҳуми пахши интернета дар Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» мекунад, аммо аз нигоҳи худ доир ба масъалаи мазкур пешниҳод манзур накардааст. Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо дар сатҳи дахлдор равшан созад.

2. Дар пешниҳоди назариявии 3 муаллиф баён менамояд, ки таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳуқуқиноширони асарҳои илм, адабиёт ва санъат ва ҳуқуқи таҳиягарони манбаи маълумот ҳамчун ҳуқуқҳои вобаста дар алоҳидагӣ эътироф ва ҳифз карда мешавад. Чунин объектҳо дар Тоҷикистон ҳам хеле зиёд истифода мешавад, аз ҳамин хотир дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ин ҳуқуқҳоро ворид намудан зарур аст (саҳ. 11). Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро зарурият ва асосҳои ҳуқуқии ворид намудани объектҳои болозикрро дар қонунгузории мамлакат ба таври дахлдор равшан созад.

3. Муаллиф дар нуктаи 4 барои ҳимоя пешниҳодшаванда қайд мекунад, ки «доир ба ҳифзи ҳуқуқҳои вобаста тарзу усулҳои хос ба объектҳои нави пайдомешуда зарур мебошад». Дар ин қисмати нукта муаллиф мушаххасан кадом тарзу усулҳоро дар назар дорад маълум нест. Аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки дар раванди ҳимояи ошкоро ин масъаларо дар сатҳи дахлдор равшан созад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**- коркард карда шуд:** Масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал ба шакли маҷмуӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

**- пешниҳод шудааст:** Танзими ҳуқуқи мадании ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳифзи манфиатҳои иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахшкунанда аҳаммияти муҳим дорад. Қонунгузории миллӣ бояд доираи дақиқи субъектҳои ҳуқуқҳои вобаста, мазмун ва мӯҳлати амал намудани ин ҳуқуқҳоро муқаррар намояд. Аз ҷумла, муайян намудани тартиби истифодаи асарҳои иҷрошуда, сабтшуда ва пахшшуда, инчунин гирифтани иҷозат (литсензия) барои истифодаи онҳо

зарур аст. Инчунин, бояд механизмҳои самараноки ҳифзи судӣ ва ғайрисудии ҳуқуқҳои вобаста пешбинӣ карда шаванд, то ки вайронкунии онҳо пешгирӣ гардад. Дар баробари ин, мутобиқсозии меъёрҳои миллӣ бо санадҳои байналмилалӣ ба рушди ҳамкориҳои фарҳангӣ ва иқтисодӣ мусоидат мекунад;

**- исбот шудааст:** Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон реҷаи ҳуқуқии се гурӯҳи ҳуқуқҳои вобаста (ҳуқуқҳои иҷрогарон, сабтгарони фонограмма, ташкилотҳои пахши эфирӣ ва кабелӣ) муқаррар шудааст. Таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳуқуқиноширони асарҳои илм, адабиёт ва санъат ва ҳуқуқи таҳиягарони манбаи маълумот ҳамчун ҳуқуқҳои вобаста дар алоҳидагӣ эътироф ва ҳифз карда мешавад. Чунин объектҳо дар Тоҷикистон хам хеле зиёд истифода мешавад, аз ҳамин хотир дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ин ҳуқуқҳоро ворид намудан зарур аст;

**- ҷорӣ намудани:** Гуногунӣ ва реҷаи мухталифи объектҳои ҳуқуқҳои вобаста зарурати таснифи онҳоро ба миён меорад. Тибқи ин маҳак, объектҳои ҳуқуқҳои вобастаро метавон тасниф намуд ва ба 2 гурӯҳ: 1) мустақил; 2) вобастабуда. Дар айни замон, объектҳои гурӯҳи якуми ҳуқуқҳои вобаста (мустақил) дигар объектҳои ҳифзшавандаро дар бар намегиранд ва мутаносибан оғози «пайдоиши ҳифзи ҳуқуқии чунин объектҳо»-ро танҳо бо лаҳза (далелҳо)-и офариниши онҳо алоқаманд кардан мумкин аст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар ташаккули нигоҳи нав ба табиати ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ мебошад, ки дар назарияи умумии ҳуқуқ ва назарияи ҳуқуқи муаллифӣ метавон мавриди истифода қарор дода шаванд. Натиҷаҳои бадастомада, муқаррарот ва хулосаҳои дар таҳқиқоти илмӣ ифодашуда, метавонанд таълимотро доир ба ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқи муаллифӣ васеъ кунанд, боиси азхудкунии назариявии аҳаммияти асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии онҳо шавад ва ба тавсияҳои илми ҳуқуқи маданӣ таъсир расонад, ки ба қонунгузор ва амалияи судӣ роҷеъ ба бунёди табиати ҳуқуқӣ, низом, мазмун ва ҳимояи ҳуқуқҳои таҳқиқшаванда асос карда шудаанд. Натиҷаҳои зикршуда метавонанд дар таҳқиқотҳои минбаъда роҷеъ ба ҳуқуқҳои вобаста татбиқ карда шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта дар** натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маданӣ пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуқтаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва рушди конунгузории маданӣ асос меёбад.

**- баён шудани** ҳуқуқҳои вобаста ба пайдоши худашон, пеш аз ҳама, аз заминаҳои иқтисодӣ ва технологӣ вобастаанд. Дар маҷмуъ, бавуҷудой ва

таҳаввули босуръати шаклу усулҳои нави техникӣ, ихтирои радио, сабти мусиқӣ дар пленкаҳои махсус ва кинематография, ки ба анҷом додани амалиёти аксбардорӣ ва садодиҳӣ имконият медиҳанд, инчунин раванди иҷро ва истеҳсоли фонограммаҳо, интиқоли барномаҳои ташкилотҳои пахшкунанда ва инчунин, эҷоди шабакаи ҷаҳонии компютерии интернет мушкилоти риояи манфиатҳои молу мулкии сарояндагон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахшро шадидан ба миён гузоштааст;

**- ошкор гардидани** таърифи зерини ҳуқуқҳои вобаста дар сатҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» асоснок гардидааст, ки тибқи он «Маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие, ки барои танзими муносибатҳои ҳуқуқии марбут ба истеҳсол, истифода ва ҳимояи иҷро, фонограмма, пахши телевизион ва радио новобаста аз шаклу навъи технология равона шудааст». Ба назари мо, чунин таъриф на танҳо таърифи объективии ҳуқуқҳои вобастаро таъмин мекунад, балки шакли мавҷудияти манфиатҳо ва имкониятҳои ба соҳибони ҳуқуқҳои вобаста тааллуқдоштаро дақиқтар муайян мекунад;

**- омӯхта шуданд:** асосҳои ҳуқуқии танзими ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи онҳо иҷрокунандагон, истеҳсолкунандагони фонограмма ва ташкилотҳои пахшкунанда ҳамчун субъектҳои мустақили ҳуқуқи мадании моликияти зеҳнӣ эътироф мегарданд. Муайян карда шуд, ки қонунгузории амалкунанда зарурати дақиқ намудани доираи ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ғайримолумулкии онҳо, аз ҷумла ҳуқуқ ба истифода, паҳнкунӣ, сабт ва пахши натиҷаҳои фаъолияти эҷодиро пешбинӣ менамояд. Дар ин замина, такмили меъёрҳои марбут ба додани иҷозат (литсензия), ҷамъоварӣ ва тақсими подош (гонорар), инчунин пурзӯр намудани кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳо аз истифодаи ғайриқонунӣ мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад:

**- аз нав такмил додани** қонунгузорӣ, рушди муносибатҳои маданӣ дар самти танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** масъалаҳои муайяни танзими ҳуқуқии ҳуқуқҳои вобаста тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин коркарди пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ мусоидат хоҳанд кард.

**- муайян карда шуданд, ки** дар м. 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» 4 намгӯйии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба ҳуқуқӣ муаллифӣ пешбинӣ гардидааст: 1) намоишҳо; 2) иҷроҳо; 3) фонограммаҳо; 4) барномаҳои ташкилоти пахши эфирӣ ва кабелӣ. Реҷаи ҳуқуқии иҷро, фонограмма ва барномаҳои телевизион ва радио дар ҳамин Қонун мушаххас шудаанд. Намоиш ҳамчун объекти мустақили ҳуқуқҳои вобаста пешбинӣ гардидааст, аммо доир ба реҷаи ҳуқуқии он минбаъд дар матни Қонун меъёрҳои зарурӣ муқаррар нагардидааст. Аз ҳамин

лиҳоз, зарур мешуморем, ки калимаи «намоиш» аз матни м. 31 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» хориҷ карда шавад.

**- офарида шуд:** ташкилоти ғайритиҷоратӣ дар самти идоракунии дастаҷамъонаи ҳуқуқҳои молумулкии эҷодкорон дар маҷмуъ ягона шакли имконпазири ташкилию ҳуқуқии ташкилотест, ки ҳуқуқҳои истисноии ҳуқуқҳои вобастаро ба таври мукаммал ва дастаҷамъона идора мекунад.

**- муаррифӣ карда шуд:** Зарар аз вайронкунии ҳуқуқҳои вобаста тавассути талафот баҳо дода мешавад. Онҳо метавонанд зарари воқеӣ ва аз даст додани фоида бошанд. Фоидаҳои аз даст додашуда бояд дар асоси инҳо муайян карда шаванд: подоше, ки барои истифодаи шартномавии объектҳои ҳуқуқҳои вобаста ба он, бо назардошти қоида, шартҳои подошпулӣ, ки одатан аз ҷониби ин субъект шартномаҳо баста мешаванд ё барои як намуди муайяни истифодаи объектҳои ҳуқуқи вобаста бояд ба даст оварда мешуд; ҳаҷми фоида, аз рӯйи фурӯши нусхаҳои қалбакӣ ба даст оварда шуда; маблағи муомилае, ки бо амали вайронкунанда ба амал наомадааст ё иҷрои он бо ҳамин сабабҳо ғайриимкон шудааст. Тамоми фоидаҳои ғайриқонунӣ, ки дар натиҷаи вайрон кардани ҳуқуқҳои вобаста ба даст оварда шудаанд, набояд фоидаи аздастрафта ҳисобида шаванд ва онҳо наметавонанд мушобеҳ карда шаванд.

**- баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин, тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва мақомоти давлатию ҳифзи ҳуқуқ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи мақомотҳои давлатӣ ва таҳлили маводи илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

**- барои корҳои таҷрибавӣ:** Пешниҳод мешавад, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» чунин ҳуқуқҳо ҳуқуқи ноширони асарҳои илм, адабиёт ва санъат ва ҳуқуқи таҳиягарони манбаи маълумот ҳамчун ҳуқуқҳои вобаста дар алоҳидагӣ эътироф ва ҳифз карда мешавад.

**- ғоя асоснок шудааст:** Асоснок карда шудааст, ки категорияи якуми ҳуқуқҳои вобаста - иҷроҳо, бешубҳа, ба натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ наздик мебошанд ва аз рӯйи табиати худ аз дигар объектҳои ҳуқуқҳои вобаста каме фарқ мекунанд.

**- муайян шудаанд:** Ҳуқуқҳои вобаста, ки як падидаи объективӣ мебошанд, вижагии хосе доранд. Омили асосӣ ва муайянкунандаи рушди ҳуқуқҳои вобаста ва такмили танзими ҳуқуқии онҳо рушд ва мустақилкунии объектҳои вобаста мебошад. Ба фарқ аз объектҳои ҳуқуқи муаллиф, объекти ҳуқуқҳои истисноии вобаста самараи фаъолияти эҷодии шахс нест, балки натиҷаҳои фаъолияти дорои хусусияти истеҳсолӣ-техникӣ мебошанд, ки

талошҳои моддӣ, техникӣ, молиявӣ, ташкилӣ ва касбии эҷодкоронро дар бар мегиранд.

- **истифода карда шуданд:** Конститутсияи ҶТ, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ, амалияи судӣ, мушоҳидаҳои оморӣ ва таҷрибаи Вазорати рушди иқтисод ва савдо, барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии соҳавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ собит карда мешавад. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 14 апрели соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Исмоилзода Мадина Исмоил дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 4 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, 14 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 14 нафар, бюллетенҳои тақсимнашуда - 2 адад, муқобил - нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент — Қодиров Н.А.

14-уми апрели соли 2026